# ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З. (09.00.14 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ, раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа Самиев Б.Ҷ. (09.00.03 – Таърихи фалсафа) ва доктори илмҳои фалсафа Комилов Р.С. (09.00.14 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) диссертатсияи Нуралҳақ Қамарро дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд:

1. Диссертатсияи Нурулҳақ Қамар ба яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир – ба мубориза ҳои сиёсӣ воридшавии мазҳабҳои гуногуни ислом ва ифротгароии онҳо ва дар натиҷа эҷоди нобасомониҳои ҳаёти иҷтимоӣ-динии кишварҳои минтақаи ислом, ки яке аз онҳо салафия аст, бахшида шудааст. Диссертант дуруст муайян ва таҳлил менамояд, ки паҳншавии афкори бегонаи такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи ифротӣ таҳдид ва хатари ҷиддиро нисбати амнияту суботи кишвар ва истиқлолияти давлати Тоҷикистон ба вуҷуд меорад. Баррасии илмии ҳамаҷонибаи ин масъала, нишон додани моҳияти иртиҷоии таълимоти салафия, роҳҳои пешгирӣ аз паҳншавии он ва воситаю усулҳои кам кардани таъсири он ба ҷомеаи Тоҷикистон дар доираи илмии кишвар бори аввал сурат мегирад ва мубрамияти хосса дорад.

2. Навгонии кор аз он иборат аст, ки унвонҷӯ нахустин бор робитаи салафияро бо расму одат, ҷаҳонбинии тоисломии араб мавриди таҳқиқ қарор дода, муайян кардааст, ки салафия руҳияи арабии таълимоти онро ҳимоя мекунад ва таҳти шиори он бозгашт ба "исломи ноб" ва барқарор намудани давлати арабро дорад. Ба ин васила ҳамчунин ҳадаф доранд, ки амну суботи

ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро, на танҳо вайрон созанд, ҳамчунин ин кишварҳоро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доранд

3. Бо дар назардошти гузориши дурусти масъала, ки дар мубрамият, ҳадафу вазифаҳо ва навгониҳои диссертатсия нишон дода шудааснд, Комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи ташхисшаванда, на фақат аҳамияти назариявӣ, балки дорои арзиши баланди илмию амалӣ низ мебошад.

4. Сохтори диссертатсия саҳҳеҳ ва дақиқ таҳия гардида, объект ва предмети таҳқиқи он дар иртибот бо бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот ва дар ҳамбастагӣ бо ҳадафу вазифаҳо, навгониҳо ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муқаррар намудааст. Методологияи илмӣ-фалсафии диссертатсия дар таҳлилу баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили матраҳшуда дақиқ ба кор рафта, пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳамаи қисматҳои диссертатсия мушоҳида мешавад ва андешаҳою хулосаҳои муаллиф аз нигоҳи илмӣ асоснок ва муътамад мебошанд. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои томмияти дохилии он мебошад. Бо назардошти ҳамин хусусиятҳо, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ шуморидан мумкин аст. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин, диншиносӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, ки тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 тасдиқ ва ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 монография ва 33 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 16-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

7. Дар диссертатсияи Нурулҳақ Қамар истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма вуҷуд надошта, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқаррааргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Нурулҳақ Қамар маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 - Фалсафаи дин, диншиносӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Мирзоев Ғаффор Ҷабборович - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ;

- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович - доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Нурулҳақ Қамар ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

4. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Назариев Р.З.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Самиев Б.Ҷ.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Комилов Р.С.

**Имзоҳои Р.З. Назариев ва Б.Ҷ. Самиевро тасдиқ менамоям:**

Нозири калони кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов — Абдураҳмонзода Б.

**Имзои Р.С. Комиловро тасдиқ менамоям:**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

19.06.2024